# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Адабиёти муосири тоҷик намояндагони зиёдеро дар авроқи худ ҷо карда, шахсият ва осори адабии онҳоро муаррифӣ намудааст. Яке аз чунин шахсиятҳои адабӣ, ки бо фаъолияти гуногунҷабҳаву осори мондагори худ маъруфият ёфтааст, Ғоиб Сафарзода мебошад. Ӯ солҳои 50-60-уми садаи 20 ҳамроҳи Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Мастон Шералӣ, Ҷумъа Одина, Убайд Раҷаб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабилулло Файзулло ба майдони фарохи адабиёт ворид шуда, бо ғояҳои олии раҳнамунсози худ мардумро ба худшиносӣ, миллатдӯстӣ, ватанпарварӣ, хештандорӣ, эҳтироми забони модарӣ, фарҳанги миллӣ ва монанди инҳо даъват кардааст.

Роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти гуногунмазмуну арзишманди Ғоиб Сафарзода донишмандони тоҷик, мисли М. Шукуров, С. Табаров, Б. Насриддинов, зимни пажуҳишҳо ва мақолоти алоҳидаи худ изҳори назар карда, зарурати омӯзиши онро таъкид доштаанд. Вале то имрӯз дар ин хусус асари ҷомеъу фарогир таълифу таҳқиқ нагардидааст. Ба пажуҳиши ҷомеъ фаро гирифтани “Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода” аз тарафи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна қобили мулоҳиза, тақдир ва таҳсин аст ва он метавонад дар танвири афкори ҷомеа кӯмак кунад ва ғановати адабиётшиносиро афзун созад.

Автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» аз муқаддима, се боб, сездаҳ фаслу чор зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, аннотатсия ба се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таркиб ёфтааст.

Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, предмети таҳқиқот, навгониҳо, метод ва асосҳои назарию методологии таҳқиқот, аҳамияти назарию амалӣ, мундариҷа ва сохтори диссертатро тибқи талабот шарҳу тавзеҳ намудааст.

Аз рӯйи маълумоти автореферат, боби аввали диссертатсия «**Шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии Ғоиб Сафарзода**» унвон дошта, дар фаслҳои он «Зиндагиномаи шоир ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ», «Равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир», «Фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии Ғоиб Сафарзода», «Назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои шоир ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай» ва «Осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо» бар пояи маводи фаровони илмию адабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода**» номида шуда, дар 5 фасли он диссертант мавзуъҳои меҳварии осори лирикии шоирро бо такя ба равишҳои муҷарраби илмӣ ва маводи дасти аввали адабӣ тасниф ва баррасӣ кардааст. Дар натиҷа ӯ маълум кардааст, ки Ғоиб Сафарзода дар ашъораш васфи модар, тараннуми ватан, гиромидошти фарҳанги миллӣ, тавсифи баҳору Наврӯз ва масили дигари иҷтимоиро дар ҷои аввал гузоштааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода**» ном дорад. Дар он диссертант ба масъалаҳои вазни ашъори шоир, корбурди қофияю радиф, истифодаи санъатҳои маънавию лафзӣ, забону сабки нигориши суханвар мутаваҷҷеҳ шуда, ба ин натиҷа расидааст, ки Ғоиб Сафарзода дар баробари муҳтавои шеъраш ба шаклу бадеияти он низ бо касбияти том муносибат карда, намунаҳои ҷолиби каломи ҳунариашро манзури хонанда сохтааст. Дар баррасии ин боб, Мирзоева М.М. аз назария ва дастовардҳои донишмандони суханшинос, мисли Т. Зеҳнӣ, Х. Шарифов, А. Сатторзода, У. Тоиров, М. Солеҳов, М. Нарзиқул, А. Кучаров ва дигарон нашъат гирифтааст ва зимнан, афкору андешаҳои мустақили хешро низ иброз доштааст, ки ин ҷолибият ва арзиши таҳқиқоти ӯро боло бурдааст.

Мутолиаи автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна нишон медиҳад, ки ӯ воқеан, сарчашмаҳои илмию адабии марбут ба мавзуи интихобнамудаашро хуб медонад. Зеро таҳлилу далеловарӣ ва натиҷагириҳои илмиаш мушаххасу эътимодбахшанд. Забону тарзи нигориши ӯ фаҳмову равшан ва ба сабки таълифи рисолаҳои илмӣ ба пуррагӣ мувофиқ мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи диссертант муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳо, дар матни автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна баъзе камбудиҳо манзур шудаанд:

1. Тарзи навишти баъзе калимаҳо бояд ҳамгун карда шавад. Аз ҷумла, дар ду шакл навиштани калимаи “кӯтоҳ” (саҳ.18); “кутоҳ” (20 қобили қабул нест. Дар ҳоле ки шакли аввали навишт бояд идома дар ҳама маврид риоят шавад.
2. Дар банди панҷуми хулоса аломати баён гузошта нашудааст.(саҳ. 20)
3. Баъзе калимаҳои мураккаб дар бархе саҳифаҳои афторефере̄т ҷудо навишта шудаанл. Масалан“Панду насиҳатӣ” (саҳ. 22.)

Эродҳои мазкур ҳамагӣ ҷузъӣ ваислоҳпазир буда, ба муҳтавои умумии автореферати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз
доктори илми филология, профессор,
Директори институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
емайл: nurali74@mail.ru

Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Наврӯзов Эҳсон

**Суроға**
**735700**, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
**шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;**
**e-mail: rector@hgu.tj** Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj

«13» феврали соли 2024